# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна дар мавзуи «Шароитҳои педагогии рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим», ки барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст.

***Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.***

Диссертатсияи Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна дар мавзуи «Шароитҳои педагогии рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим» ва муҳтавои он ба шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, аз ҷумла ба - банди 1. Методологияи таҳқиқотҳои педагогӣ (равишҳои таҳқиқотӣ дар рушди илми педагогика, ҳамбастагӣ ва ҳудудҳои татбиқпазирии онҳо; усулҳои таҳқиқотҳои педагогӣ); робитаи мутақобилаи методҳои маърифати илмӣ ва таълимӣ; - банди 6. Консепсияи таҳсилот (сифати таҳсилот ва технологияҳои арзёбии он; равандҳои инноватсионӣ дар таҳсилот, коркарди назарияи омӯзиши фанҳои мушаххас, аз ҷумла дар дараҷаи байнифаннӣ); - банди 7. Педагогикаи амалӣ (ҷамъбасткунии таҷрибаи педагогии пешқадам; ҳаракати инноватсионӣ дар таҳсилот; фаъолияти озмоишию таҷрибавии муассисаҳои таълимӣ) мувофиқ мебошад.

***Мубрам будани мавзуи диссертатсия.***

Муҳимияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна аз он иборат аст, ки дарёфти роҳу воситаҳои шаклгирии фаъолии маърифатҷӯёнаи таълимгирандагони хурдсол зимни ҷараёни таълим дар радифи масъалаҳои муҳимми педагогика маҳсуб меёбад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди технологияҳои рақамӣ шаклгирии фаъолии маърифатҷӯёнаи таълимгирандагони хурдсол зимни ҷараёни

таълим ҳамчун омили муҳимми рушди шахсияти хонандагони хурдсол ба шумор меравад.

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки таҳқиқоти муосир ҳанӯз масъалаи шароитҳои педагогии рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим ҳамчун омили муҳимми рушди шахсияти хонандагони хурдсолро дар алоҳидагӣ ба таври кофӣ мавриди таҳқиқ қарор нагодааст. Диссертатсия бо таҳлили фарогир ба муайян ва аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намудан ва тариқи озмоиш санҷидани шароити педагогии ташаккули рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳамчун омили муҳимми рушди шахсияти муҳассилини синфҳои ибтидоӣ равона карда шудааст.

Муҳаққиқ бо асоснокии илмӣ нишон медиҳад, ки технологияи рушди тафаккури интиқодӣ имкон медиҳад, ки фаъолият дар раванди дарс ҷолибтар ва муфидтар гардад. Ба хонандагон хулосаҳои тайёр дода намешавад, ки онҳоро аз худ кунанд, балки маҳорати мустақилона кор кардан бо манбаъҳои иттилоотӣ омӯзонида шуда, барои азхудкунии дониш мусоидат карда мешавад. Инчунин, технологияи мазкур диққати хонандагонро ба ҳалли муаммо ва дарёфти роҳҳои онҳо равона мекунад. Технологияи мазкур масъалаҳои ҳаррӯзаи сершумор, аз автоматикунонии вазифаҳо то баландкунии дастрасии онҳоро ҳал мекунад. Он коммуникатсияи самаранок, самтгирӣ ва идоракунии маълумотро таъмин намуда, ҳатто муаммоҳои куллиро, мисли технологияи мусоидаткунандаи болоравии тафаккури ба интиқод мувофиқ, равонакунандаи таваҷҷуҳи таълимгирандаро ба маҳруки ҳалли масъалаҳо дар қаринаи омӯзиш ҳал менамояд. Ин нуктаро бо таҳлили қиёсии таҳқиқоти олимони чӣ хориҷӣ ва чӣ ватанӣ таҳким дода, методҳо ва воситаҳои ворид кардани онҳо дар технологияи рушди тафаккури интиқодӣ ҳамчун омили муҳимми рушди шахсияти муҳассилини синфҳои ибтидоӣ ба раванди таълимро шарҳ медиҳад.

Ба таври умум, диссертатсияи Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна мавзӯи мураккаб ва мубрами педагогикаи муосирро таҳлил намуда, дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошад. Маводи таҳқиқот барои рушди методологияи ташаккули фаъолнокии эҷодии маърифатӣ ҳамчун омили муҳимми рушди шахсияти муҳассилини синфҳои ибтидоӣ ва ба роҳ мондани усулҳои муассири таълим дар доираи ин мавзӯъ истифода мешавад. Бо назардошти ин, диссертатсия муҳтавои пурра ва асоснок дошта, арзандаи дифоъ мебошад.

***Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:***

Дар ин таҳқиқот, муаллиф бори нахуст масъалаи рушди тафаккури интиқодӣ ҳамчун омили муҳимми рушди шахсияти муҳассилини синфҳои ибтидоиро ҳамчун методи навин дар доираи педагогикаи муосир асоснок менамояд. Таҳлили рушди тафаккури интиқодӣ ҳамчун омили муҳимми рушди шахсияти муҳассилини синфҳои ибтидоӣ дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ҷанбаи навоварона дорад, зеро он тамоми сохтори тарбияи мактабиро бо асосҳои ташаккули фаъолнокии эҷодии маърифатӣ муттаҳид менамояд.

***Навгонии илмии диссертатсия дар ҷанбаҳои зерин баён мегардад:***

1. Асосҳои илмию назариявии технологияҳои таълими тафаккури интиқодӣ, ташаккули шахсият, фаъолнокӣ, муносибати пайдарпайӣ, ки дар рушди шахсият, шавқи маърифатии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба вуҷуд меояд, ошкор гардид.

2. Шароити аз лиҳози педагогӣ муҳимму асоснок барои мусоидат ба рушди тафаккури ба интиқод мувофиқи хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо такя ба технологияҳои таълими ба даъватҳои муосир ҷавобгӯ баён гардида, хусусиятҳои тафаккури интиқодӣ ва ғайриинтиқодӣ, фарқи байни онҳо муайян карда шуданд.

3. Дар заминаи истифодаи ин технология дар раванди таълими фанни забони модарӣ системаи ягонаи рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ таҳия ва мафҳуми «тафаккури интиқодӣ» муайян карда шудааст.

4. Исбот гардидааст, ки ташаккули тафаккури интиқодӣ дар натиҷаи муаммогузорӣ ва равшан намудани масъалаҳои ҳалталаб оғоз мешавад. Бинобар он, бояд кӯшиш намуд, ки бо исботи далелҳои боварибахш тафаккури интиқодӣ дар хонандагон ташаккул дода, қобилияти хуб ва оқилона андеша кардан ё ба чӣ бовар карданашро муайян карда шавад.

5. Муайян гардид, ки методикаи рушди тафаккури интиқодии хонандагон на танҳо қобилияти таҳлили иттилоотро инкишоф медиҳад, балки қобилияти дарки худи ин иттилоотро беҳтар мекунад.

6. Муқарраროти меҳварии хусусияташон мундариҷавию методие пешниҳод шуданд, ки асосан ба рушди сатҳи сифатии таълиму омӯзиш, сайқалдиҳии салоҳиятнокии омӯзгорон, такмили воситаҳои дидактикӣ, шароити педагогии муҳим равона шуда, ба рушди интизории тафаккури ба интиқодӣ мувофиқи хонандагони синфҳои ибтидоӣ мусоидат мебахшад.

***Нуқтаҳои илмие, ки барои дифоъ пешниҳод мешаванд.***

- рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба сатҳи мувофиқу дурусти салоҳиятнокии омӯзгорон вобаста аст, ки дар амалисозӣ ва сайқалдиҳии технологияҳои ба мақсадҳои тарҳрезии қабатҳои нави донишҳо зимни таълим ифода меёбад.

- дар шароити пасманзари амалиёти педагогӣ ва азхудкунии технология рушди тафаккури интиқодӣ хонандагон ҳамчун қобилияти доимо такмилёбанда таҳрик меёбад. Ташаккули он ба муносибати системавӣ, маҳорати таҳлилкунӣ (аз ҷумла, таҳлили иттилоот ва ифодакунии хулосаҳо) ва эҷодкорона фикр кардан сурат гирифта, онҳоро барои ҳалли вазифаҳо ва муаммоҳои гуногуни дарпешистода истифода мебаранд.

- модели сохторӣ ва технологие, ки таъйиноти он мусоидат ба рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоист, аз ҷумла, зоҳиршавии он дар маҷрои дарсҳои фанни забони модарӣ.

- шароитҳои педагогӣ ва воқеигардонии технология ба рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мусоидаткунанда дар дарси забони модарӣ ба таваҷҷуҳу фаъолияти омӯзгор вобаста буда, бо истифода аз шароитҳои педагогӣ беҳтар ва маърифатнокии онро баланд мебардорад.

- инкишофи самараноки шароитҳои педагогии рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ, мисли таҳлил ва муқоисаи мотивҳои маърифатии хонандагони синфҳои ибтидоӣ, ҳавасмандгардонии фаъолияти равонӣ, мутобиқ намудани мазмуни таълим муқарраркунии стандартҳое зарур аст, ки барои рушди мустақилияти муайян ва тафаккури интиқодӣ дар қаринаи таҳсилоту тарбия мусоидат мекунанд.

***Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия:***

Диссертатсияи Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна дар мавзуи «Шароитҳои педагогии рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим», дар ҳаҷми 179 саҳифа таҳия шуда, иборат аз муқаддима, ду боб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо мебошад.

***Мӯҳтаво ва ҷанбаи илмии диссертатсия.***

Муқаддимаи диссертатсия масъалаи мубрамияти таҳқиқотро шарҳ дода, зарурати рушди тафаккури интиқодӣ дар раванди таълим ҳамчун омили муҳимми рушди шахсияти хонандагони хурдсол дар шароити муосирро таъкид менамояд. Муаллиф нишон медиҳад, ки дар шароити паҳншавии васеи технологияи рақамӣ ва таъсири расонаҳои интернетӣ, ҳавасмандии хонандагон ба фаъолнокии эҷодии маърифатӣ коҳиш ёфтааст, ки ин ҳолат таъсири манфӣ ба рушди иҷтимоӣ ва равонии онҳо

мерасонад. Фаъолнокии рушди тафаккури интиқодӣ дар раванди таълим ҳамчун воситаи муассири рушди шахсияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ пешниҳод шуда, зарурати ворид намудани онҳо ба раванди таълим асоснок карда мешавад.

Тадқиқоти мазкур на танҳо аҳамияти назариявӣ, балки арзиши амалӣ дошта, барои рушди методологияи ташаккули фаъолнокии эҷодии маърифатӣ ҳамчун омили муҳимми рушди шахсияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ нақши муҳим мебозад.

Боби аввали диссертатсия «Асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккули тафаккури интиқодӣ дар раванди фаъолияти маърифатии хонандагон» ном дошта, ба таҳияи заминаи назариявӣ ва методологии диссертатсия бахшида шуда, се зербобро дар бар мегирад:

1. Аҳаммияти илмӣ ва назариявии фаъолияти маърифатӣ дар тафаккури интиқодии хонандагон.
2. Методологияи ташаккули тафаккури интиқодӣ ва мавқеи он дар рушди фаъолияти маърифатии хонандагони синфҳои ибтидоӣ.
3. Мундариҷа ва хусусиятҳои сатҳи ташаккули тафаккури интиқодии хонандагон дар раванди таълим.

Боби дуюми диссертатсия «Технологияи педагогии ташаккули тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва шароитҳои татбиқи он дар раванди таълим» номгузорӣ шудааст ва дар он усул ва воситаҳои истифодаи технологияи педагогии рушди тафаккури интиқодии хонандагон синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим баррасӣ гардида, он аз 3 зербобҳо иборат:

1. Шароитҳои педагогии истифодаи технологияҳои таълимӣ дар ташаккули тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ.
2. Имконниятҳо ва роҳҳои ташаккули тафаккури интиқодии хонандагон дар раванди дарсҳои забони модарии синфҳои ибтидоӣ.

3. Таҳлили натоиҷи корҳои таълимӣ ва таҷрибавӣ оид ба рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ.

Қобили қайд аст, ки диссертатсия бо таҳлили амиқи илмӣ ва методологии худ, арзиш ва аҳамияти назариявӣ-амалӣ дорад. Муаллиф бо муваффақият технологияи педагогии рушди тафаккури интиқодии хонандагони хурдсолро ба раванди таълим таҳия намуда, роҳҳои беҳсозии ташаккули фаъолнокии эҷодии маърифатӣ ҳамчун омили муҳимми рушди шахсияти хонандагони синфҳои ибтидоиро пешниҳод менамояд.

***Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо:***

Мавзуи диссертатсияи Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна дар мавзуи «Шароитҳои педагогии рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим», дорои аҳамияти назарраси илмӣ, амалӣ ва методӣ мебошад. Хулосаи пешниҳодшуда натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро ба таври возеҳу мухтасар ҷамъбаст намуда, аҳамияти барҷастаи масъалаи ташаккули фаъолнокии эҷодии маърифатиро ҳамчун омили муҳимми рушди шахсияти хонандагони хурдсол таъкид менамояд.

***Натиҷаҳои асосии таҳқиқот инҳоянд:***

– Муаллиф ба таври боварибахш нишон додааст, ки рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим ҳамчун омили муҳими рушди шахсияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ накши калидӣ дорад. Таҳлили амиқи назарияҳои илмӣ дар якҷоягӣ бо назарияҳои муосир оид ба ташаккули тафаккури интиқодӣ, инчунин пешниҳоди роҳҳои ворид намудани технологияи нави педагогӣ дар ин раванд, аз сатҳи баланди таҳқиқот шаҳодат медиҳад.

– Аз лиҳози таркиби сохторӣ ва амалкунанда тавсифи шаклгирии фаъолнокии эҷодгаронаи маърифатии муҳассилин анҷом ёфтааст ва моҳияти мафҳуми «фаъолнокии рушди тафаккури интиқодии

хонандагони хурдсол» дақиқу дуруст муайян ва асоснок карда шудааст. Таъкид шудааст, ки таҳия ва татбиқи комплекси таълимию методӣ, ки ба ташаккули шароити педагогӣ: мақсад, мазмун, принсип, метод, шаклу воситаҳои дониш, малака ва тафаккури интиқодии хонандагон мусоидат менамояд.

Муаллиф ба таври асоснок ба хулоса омадааст, ки ноилшавӣ ба мавҷудияти таваҷҷуҳи афзалиятноку устувор ба рушди тафаккури интиқодии омӯзгорон, фароҳам овардани муҳити таълимии ба он мувофиқ ва ҳавасмандии хонандагон ба азхудкунии амалҳои мантиқӣ, инчунин, татбиқи равишҳои фаолияти ба шахс нигаронидашудаи инкишофи тафаккури интиқодӣ дар хонандагон омили баланд бардоштани сифати маълумот мегардад.

Тавсияҳое, ки дар асоси таҳлилҳои назариявӣ ва корҳои озмоишӣ пешниҳод шудаанд, хеле мушаххас, амалӣ ва ба мақсад мувофиқ мебошанд. Онҳо доираи васеи масъалаҳоро дар бар мегиранд, аз ҷорӣ намудани назарияҳои мукаммали педагогӣ ва таҳияи барномаҳои таълимӣ дар асоси амсилаи муаллифӣ то таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ ва таҳияи технологияи педагогӣ.

***Аҳамияти илмии диссертатсия дар он зоҳир мегардад,*** ки диссертатсияи мазкур саҳми назаррас дар рушди илмҳои педагогика ва психологияи муосир дорад. Муаллиф дар тадқиқоти худ амсила (модел)-и нави ворид технологияи педагогии рушди тафаккури интиқодӣ ба системаи таълим таҳия намуда, асосҳои методологии ташаккули фаъолнокии эҷодии маърифатиро ҳамчун омили муҳимми рушди шахсияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо услуби илмӣ таҳлил мекунад. Бори нахуст амсилаи технологияи педагогии рушди тафаккури интиқодӣ ҳамчун омили муҳимми рушди шахсияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ таҳия ва асоснок карда шудааст. Муаллиф шароитҳои самараноки педагогии рушди фаъолнокии эҷодию маърифатии хонандагонро дар

фаъолияти таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян намудааст.

***Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад,*** ки натиҷаҳои диссертатсия дорои арзиши татбиқии баланд мебошанд. Муаллиф методҳои ворид намудани бозиҳоро ба барномаи таълимӣ таҳия намуда, таҳлили ҷанбаҳои эмпирикии рушди тафаккури интиқодиро ҳамчун омили муҳимми рушди шахсияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ пешниҳод кардааст. Шароити педагогии рушди тафаккури интиқодии хонандагон дар фаъолияти таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян карда шуда, тавсияҳои методӣ ва дастурҳое коркард шудаанд, ки ба ташаккули фаъолнокии эҷодии маърифатии хонандагон мусоидат мекунанд; натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои рушд ва коркарди самтҳои фаъолияти педагогӣ оид ба рушди тафаккури интиқодии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ истифода шаванд; натиҷаҳо ва тавсияҳои таҳқиқоти мазкурро мутахассисони соҳаҳои педагогика, психология ва сотсиология ба таври васеъ истифода карда метавонанд.

Хулоса, диссертатсия аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии баланд дошта, натоиҷи он метавонанд дар раванди таълим, рушди педагогикаи синфҳои ибтидоӣ ва ташаккули шахсияти хонандагон татбиқ шаванд. Тавсияҳои пешниҳод кардаи муаллиф на танҳо арзиши баланди илмӣ доранд, балки заминаи мустаҳкамро барои татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар низоми маорифи кишвар фароҳам меорад. Муаллиф таҳқиқоти мукаммал анҷом дода, заминаи муҳими илмӣ ва амалиро барои ташаккули фаъолнокии эҷодии маърифатӣ ҳамчун омили муҳимми рушди тафаккури интиқодии шахсияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ гузоштааст.

***Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ:***

Қобили қайд аст, ки нуқтаҳои асосӣ, хулоса ва тавсияҳои таҳқиқот дар 25 мақолаи илмии муаллиф интишор гардидаанд. Ин нишондиҳандаи ҳамаҷониба ва муфассали коркарди мавзӯъ буда, имконияти шиносоии васеи ҷомеаи илмиро бо натиҷаҳои бадастомада таъмин менамояд. Аз ҷумла, интишори 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон махсусан муҳим аст. Ин далели қатъӣ аз эътирофи илмии натиҷаҳои диссертатсия аз ҷониби коршиносони соҳа буда, аз сифати баланд ва аҳамияти илмии таҳқиқот гувоҳӣ медиҳад. Чунин нашрияҳо кафолати эътибор ва саҳми арзишманди кор дар рушди илм мебошанд.

***Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия:***

Диссертатсия ва автореферати он мутобиқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дастурамали барасмиятдарории диссертатсияҳо таҳия шуда, ба меъёрҳои илмӣ ва методӣ пурра ҷавобгӯ мебошанд. Матни диссертатсия бо забони равону бо услуби адабии тоҷикӣ навишта шуда, сохтори мантиқии қисматҳои он риоя гардидааст. Автореферат муҳтавои асосии диссертатсияро ба таври мухтасар инъикос намуда, моҳияти таҳқиқоти анҷомшуда ва натиҷаҳои бадастомадаи муаллифро равшан баён мекунад.

Натиҷаҳои пажӯҳиш аз ҷиҳати илмӣ ва методӣ асоснок буда, бо таҳлили назариявӣ ва амалӣ, мисолҳо ва ҷадвалҳо мукаммал гардидаанд. Дар ҳар боб ва дар охири рисола хулосаҳои возеҳ ва мушаххас пешниҳод шудаанд. Ҳам диссертатсия ва ҳам автореферат ба талаботи меъёрии таҳияи мақолаҳои илмӣ ва нашр дар маҷаллаҳои тақризшаванда мутобиқ мебошанд, ки саҳми муҳиме дар рушди соҳаи таҳқиқотии мавриди назар доранд.

Тарзи барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия пурра мувофиқ буда, ҳамаҷониба ба стандартҳои академӣ ҷавобгӯ аст.

***Эродҳо ба таҳқиқоти диссертатсионӣ:***

Диссертатсия дар баробари ҷиҳатҳои зиёди мусбат, дорои баъзе норасоиҳо низ мебошад, ки барои такмил ва беҳтарсозии он муҳиманд.

1. Таҳқиқот асосан ба як минтақа ё мавқеи мушаххас маҳдуд шудааст, дар ҳоле ки муқоиса бо дигар минтақаҳо ва таҳлили фарқияту умумиятҳо метавонист ба амиқии таҳқиқот таъсири мусбат расонад.

2. Таҳқиқот асосан ба адабиёти хориҷӣ ва чанд таҳқиқоти миллӣ такя кардааст, вале таҷрибаҳои олимони ватанӣ дар истифодаи асосҳои технологияҳои рушди тафаккури интиқодии хонандагон камтар мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

3. Дар матни диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ дида мешаванд, ки метавонанд ба фаҳмиши дурусти муҳтаво халал расонанд.

Ҳамзамон, бояд зикр кард, ки камбудиҳои қайдгардида ба ҳеҷ ваҷҳ сатҳи арзиши илмиву амалии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд. Баръакс, бартараф намудани ин камбудиҳо метавонанд ҳамчун имконият барои такмил ва амиқтар кардани таҳқиқот хизмат кунанд.

**ХУЛОСА:**

Диссертатсияи Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна дар мавзуи «Шароитҳои педагогии рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим», ки барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст, як таҳқиқоти муҳим ва саривақтӣ ба шумор меравад.

Муаллиф дар кори худ мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотро ба таври пурра муайян ва иҷро намуда, таҳлили ҳамаҷонибаи адабиёти назариявӣ ва таҷрибаи амалиро анҷом додааст.

Таҷриба ва натиҷаҳои ҳосилшуда метавонанд барои омӯзгорон, кормандони соҳаи маориф ва таҳиягарони барномаҳои таълимӣ ҳамчун заминаи устувор хидмат кунанд.

Диссертатсияи Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна, ки таҳти унвони «Шароитҳои педагогии рушди тафаккури интиқодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим», ба анҷом расонида шудааст, ба талаботи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пурра ҷавобгӯ мебошад. Ин таҳқиқоти илмӣ бо далелҳои назариявӣ ва методологӣ асоснок шуда, дар асоси меъёрҳои Низомнома оид ба Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, таҳия гардидааст.

Бо дарназардошти саҳми муҳимми илмӣ ва татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, диссертатсия ба талаботи муқарраргардида мутобиқ буда, муаллифи он Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор арзёбӣ мегардад.

Муқарризи расмӣ:
номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи
фанҳои гуманитарии
Донишгоҳи давлатии молия
ва иқтисоди Тоҷикистон — Носиров Саъдулло Шукулоевич

*Маълумот барои тамос:*
*734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,*
*кӯчаи Нахимов, 64/14, Тел: +992 935311771;*
*E-mail: nosirov1965@mail.ru*

*«01» 10 2025 с.*

Имзои С. Носировро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДМИТ — Мирҷамолов М.А.